Ба Шурои диссертатсионии 6О.КОА-014 назди

Донишгоҳи аграрииТоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Накимов Сафарраҳмат Пиракович дар мавзӯи «Бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - – Иқтисодиѐт ва идоракунииии хоҷагии халқ: иқтисодиѐт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Мубрамияти мавзӯи рисолаи илмии мазкур чунин фаҳмида мешавад, ки дар шароити кунунии иқтисодиёти кишвар масаъалаи таъмини аҳолӣ бо хӯрокворӣ буда, ин масъала ба инкишоф вобастагии қавӣ дорад. Феълан бояд кайд намуд, ки муносибатҳои муосири иқтисодии ва соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, ин пеш аз ҳама, чорвопарварии гӯштӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон барои роҳандозӣ намудани чунин дастгирии соҳа аз тарафи буҷет чандин баробар кам гардид, сармоягузорӣ, расондани хӯроки чорво, мавод ва таҷҳизот ихтисор шуд, нархҳо баланд шуда, таносуби онҳо вайрон гардид, меъёрҳои қарзӣ ба сатҳе расиданд, ки барои молистеҳсолкунандагон қобили қабул нестанд. Ҳамзамон самараи маблағгузориҳо ба соҳа кам гардид ва ин сабаби коҳишёбии ҳосилнокии меҳнат шуд. Аз ин рӯ, мавзӯи диссертатсияи Накимов С. П., актуалӣ буда, дорои аҳмияти муҳими назарияву амалӣ мебошад.

Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки дар он методҳои самаранок ва абзорҳои мушахасси такмил ва тавсеи бозори гӯшт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯайян ва ифшо гардидаанд.

Таҳлил автореферат нишон медиҳа, ки якчанд натиҷаҳои мусбии бадастомадаро, ба мисли ҷамъбасткунии ҷанбаҳои назариявӣ ва усули

барқарорӣ ва рушди бозори гӯшт, инчунин омӯзиши механизмҳои танзими давлатии истеҳсоли гӯшт дар сектори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи консепсияи ислоҳот ва дастгирии давлатии чорводории гӯштӣ ва амалӣ намудани таҷрибаи танзими давлатии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва муайян кардани имконияти мутобиқгардонии он ба шароити кишвар.

Пешниҳоди муаллиф доир ба роҳҳои фароҳам овардани шароити бозори гӯшт ва механизми танзими давлатии он ва инкишоф додани низоми маркетинги танзимгари муҳимтарин истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти гӯштӣ мебошад. Муаллиф ба маврид асоснок намудааст, ки дар нишондиҳандаҳои асосии муайянкунандаи осудаҳолии мардум – ин нишондиҳандаи истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Дар соли2018 истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол 29,0 килограммро ташкил дод. Лекин тибқи меъёри илман асоснокшуда, ки моҳи августи соли 2018 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст, истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ бояд 40,5 кг бошад. Вале аҳолӣ танҳо 71,6%-и меъёри муайяншударо истеъмол намудааст. (Автореферат С. 3)

Натиҷаҳои ноилшудаи муаллиф ҳамчун навгониҳо ба илм аҳамияти назариявию амалиро доро мебошад. Аз рӯйи автореферати тақризшаванда, хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар ҳалли масъалаҳои мавҷуда доир ба рушди бозори гӯшт ва мехнизми танзими давлати он мусоида хоҳад намуд.

Дар автореферати тақризшаванда танҳо баъзе имлоӣ, услубӣ ва техники роҳ дода шудааст.

Камбуди зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунад ва характери тавсиявӣ дорад. Автореферат ва корҳои ҷопшуда ба пуррагӣ ба таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Накимов Сафарраҳмат Пиракович дар мавзӯи актуалӣ иҷро карда шуда, ба ҳама талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - – Иқтисодиёт ва идоракуниии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба робитаҳои н.и.и. Сайфуллоева О.

байналхалқи дотсенти кафедраи

менечмент ва маркетинг

Тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Донишгоҳи давлатии хоруғ ба номи М. Назаршоев Шабдолов Қ.